# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзуллоева Зебунисо Буходировна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Омӯзиши таърих, фарҳанги миллӣ, мероси гаронбаҳои маънавии аҷдодӣ, ки дар маҷмӯъ арзишҳои миллиро ташаккул медиҳанд, дар ҷавҳари худ омилҳои гаронбаҳои таълиму тарбияро фаро мегиранд, ки дар баробари ворисияти наслҳо аслияти онҳо низ рӯ ба равнақ буда, маҳз ифодакунандаи мазмун ва рӯҳи замон ба шумор мераванд. Ҳамвора роҳу восита ва имконоти истифодаи беҳтарин ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ дар таҷрибаи таълиму тарбияи имрӯзаи дунявӣ беш аз пеш ба масъалаи мубрами илмӣ табдил мeёбад ва бахусус илми педагогикаи муосири миллии халқҳои Осиёи Марказӣ ба он ниёз дорад.

Аз ин ҷиҳат, тақризи автореферати диссертатсияе, ки ба чунин як мавзӯи барои аҳли илм муҳим бахшида шудааст, мусарратбахш аст. Тавре муаллифи он хабар медиҳад, зимни интихоби мавзӯъ ва таҳқиқи илмии он, пеш аз ҳама умумияти таърихии халқҳои Осиёи Миёнаро тӯли ҳазорсолаҳо ба инобат гирифта, муштаракии арзишҳои миллии мардуми ин сарзаминро ба таври муштарак ба риштаи таҳлил кашидааст.

Автореферат инчунин аз он дарак медиҳад, ки дар диссертатсия муҳаққиқ чанд хулосаҳои муҳими илмӣ ба миён гузоштааст ва он ҳама барои рушди илми педагогикаи миллӣ ва ҳамгиройии ҷанбаҳои педагогии арзишҳои миллӣ бо низоми таълими миллии имрӯз аҳамияти амалӣ доранд.

Муҳаққиқ дар автореферат мазмуни умумии диссертатсияро дар шакли тавсифи мухтасар, ва аммо хеле мукаммал кушода, фишурдаи ду боб ва параграфҳои онро тақдим карда тавонистааст. Тарзи гузориши муаллиф аз натиҷаҳои омӯзиши манбаъҳои таърихӣ ва адабиёти парокандаи мавҷуда маълумоти муфассал дода ҳамвора хулосаҳои асосиро, ки тибқи он мардуми Осиёи Марказӣ дар баробари дигар халқу миллатҳои ҷаҳон дар давоми ҳазорсолаҳо ба ватан дилбастагӣ дошта, ба он хизмат мекард, забони модарӣ, фарҳанг, урфу одат, анъана, арзишҳои миллии худро ҳифз намуда, ташаккул медод, инъикос намудааст.

Умуман, автореферат далолат медиҳад, ки рисолаи илмӣ ба дараҷаи баланди илмӣ таълиф шудааст ва аҳамияти калони назариявию амалиро доро мебошад. Ба талаботи иҷрои чунин кори илмӣ пурра риоя карда шудааст. Аз ин рӯ, автореферат низ бо риояи талаботи умумӣ ба ин шакли кори илмӣ таълиф шуда, ба назари банда ба интишорот тавсия намудани он мумкин аст.

Ба таври умум таъкид бояд кард, ки кори таҳқиқотии Файзуллоева

Зебунисо Буходировна дар мавзӯи «Ҷанбаҳои таърихӣ-педагогии арзишҳои миллии мардумони Осиёи Марказӣ ва мақоми онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мушовири ректори Донишкадаи
ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва
бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Собиров Сафарбек

11.08.2021

**Маълумот барои тамос:**
Индекс ва суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 15; Сомона; https://www.takmili-ihtisos.tj; Телефон (992 372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: takmili.ihtisos.info® mail.ru

«Имзои Собиров Сафарбекро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Аҳмадов Э.Ҳ.